# ПРОФ. ДР. КРИСТОФЕР Ҷ. ГЕРРИ ДОНИШГОҲИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ МАРОСИМИ ХАТМИ 2024

15 ИЮНИ 2024

Субҳи ҳамагон ба хайр.

Мӯҳтарам, Догдуркул Кендирбаева, Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Қирғизистон;

Мӯҳтарам, Сайдзода Раҳим Ҳамро, Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муҳтарам, Алтинбек Эргешов, Губернатори вилояти Нарин.

Мӯҳтарам, Мирзонабот Алишер Худобердӣ, Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон.

Раиси Шӯрои Парасторон, Др. Шамш Касим-Лакха,. Аъзоёни Шӯрои Парасторон.

Др. Максим Хомяков, Декани Мактаби илмҳои гуманитарӣ, табиатшиносӣ ва дақиқ

Ҳайати омузгорон ва кормандони Донишгоҳи Осиёи Марказӣ.

Волидайн ва аъзои оила. Меҳмонони олиқадр….

Ва хатмкунандагони соли 2024:

Пеш аз ҳама, мехоҳам табрикоти самимонаи худро ба ҳамаи шумо арза дорам. Ин дастоварди бузургест ки шумо зинаи омӯзишро ба итмом расонда, худатонро ҳамчун хатмкунандаи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ меҳисобед. Барои Шумо ин як сафари аҷибе буд.

Маросими хатмкунӣ чорабинии муҳим аст. Ин маросими ботантана эътирофи чор ё панҷ соли таҳсили душвор, рушди инфиродӣ, пайдо намудани дустони наву доимӣ ва умеду интизорӣ аз оянда мебошад. Ин як чорабинии беназирест, ки барои шумо ва онҳое, ки шуморо дастгирӣ карданд, боиси ифтихор ва дорои аҳамият бузург аст.

Барои тай намудани ин марҳила ва расидан ба ин дараҷа шумо на танҳо ба истеъдод, зеҳну азми талоши худ такя намудед балки аз кӯмаки устодон, роҳбарон, ҳамсолон саҳмгузорон беш аз ҳама аз ғамхориҳои волидон ва оилаҳои худ бархурдор будед.

Вақте ки шумо дар бораи маросими имрӯза фикр мекунед умедворам, ки шумо аз мувафақияти худ ва таҷлили он ҳамроҳи оилаҳо ва дӯстони худ лаззат мебаред, зеро барои онҳо ҳам ин як рӯзи муҳим аст. Тасавур кунед, ки имрӯз барои модаратон, падаратон, бародару хоҳаратон, бобою модаркалонатон ва дӯстони шумо чӣ аҳамият дорад. Пас ҳамроҳи онҳо ин маросимро ҷашн гиред.

Дар асл, қобилияти дилсӯз будан, ҷаҳонро аз диди дигарон дидан, як малакаи муҳим дар зиндагӣ мебошад. Ин нишондиҳандаи он ки ҷомеаи маданӣ чӣ гуна аст, ин робитаест, ки аз таҷрибаҳои муштараке бармеояд, ки моро ҳамчун инсон муттаҳид менамояд. Дилсӯз будан аввалин роҳи ҳалли низоъ аст. Дилсӯзӣ муваффақияти тамоми

муносибатҳои моро дар тиҷорат, дар роҳбарӣ ва дар зиндагии иҷтимоӣ муайян мекунад. Тавре ки Мелинда Гейтс қайд намудааст, "Агар мо дилсӯзу мушфиқ нестем, пас фарқ надорад, ки то чи андоза асрори илмро ёд гирем. Воқеан мо мушкилотеро ҳал намекунем ва танҳо муаммоҳоро кор мекунем."

Дилсӯзӣ аксар вакт дар шартҳои вазифаи эълоншуда зикр намешавад, вале мо онро гоҳе ҳамчун нерӯ дар шарҳи ҳоламон зикр мекунем. Омӯзондани он ки шахс мушфиқ дилсӯз бошад осон нест, гарчанде ки фалсафа ва арзишҳое, ки асоси барномаҳои Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ҳастанд, онро тарғиб менамоянд. Дилсуз будан талаб мекунад, ки дилсӯзона амал кунем. Умедворам, ки имрӯз шумо каме аз чунин амалро ёд мегиред вақте ки ба чашмони оилаҳо ва дӯстонатон нигариста маросими хатмкунии донишгоҳро таҷлил мекунед.

Ҳангоме ки ба пеш қадам мезанед, шумо омӯзиши якумраро ихтиёр менамоед ки асоси он дар ин донишгоҳ гузошта шуда буд. Акасари шумо дар оилаи худ нахустин нафаре ҳастед, ки донишгоҳро хатм намудед. Вақте ки шуморо мебинам ва дар бораи ояндаатон фикр мекунам, ба хотири мо меояд, ки маориф беҳтарин муҳаррики иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аст, ки як кишвар метавонад дошта бошад. Вақте ки шумо сафари худро барои кор дар бахшҳои хусусӣ, давлатӣ ё ғайритиҷоратӣ, соҳибкорӣ ва ё давом додани таҳсил дар макотиби олӣ идома медиҳед, умедворам ки ҳамчун ҳимоягарони омӯзишу таҳсилот, ҳамчун манбаъе барои пешрафти иҷтимои, иқтисодӣ ва рушди устувор хоҳед буд.

Дар хотир дошта бошед маблағӣ омӯзиш барои парасторон, истеъмолкунандагон, ҳукумат ваандозсупорандагон арзон нест. Аммо арзиши ҷаҳолат ва ё нодонӣ чандин маротиба баландтар аст. Пас, биёед ҳама ҳимоягарони таҳсили илму дониш бошем.

Ба шумо имконияте фароҳам оварда шудааст ва шумо хушбахт ҳастед, ки зинаи таҳсили сатҳи бакалавриатро дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ хатм менамоед. Ин дараҷа дар соҳаи илмҳои компютерӣ, итиллоот ва Воситаҳои Ахбори Омма, илм дар бораи замин ва муҳити зист ва иқтисоди ҷаҳонӣ дарҳои имконотро дар оянда ба рӯй шумо боз хоҳад намуд.

Чуноне ки Шоҳзода Заҳро Оқохон ва Др. Шамш Қасим-Лакха дар суханрониашон қайд карданд, таҳсил дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ба шумо чизи бештаре аз дараҷаи бакалаврӣ дар фанни интихобкардаатон додааст. Барномаи таҳсил дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ инчунин барои рушди тавоноии зеҳнӣ ва сифати фикркунии шумо таҳия шуда буд.

Мо ба шумо малакаҳои тафаккури интиқодӣ, ва доштани эътимод ба хешро таълим дода дар шумо шавқу рағбат барои омӯзиш бедор намудем.

Мо ба шумо таълим додем, ки гуногунандеширо ҳангоми мубоҳиса ва муҳокима пазиред ва норозигии худро ба таври мақбул баён намоедю

Мо кӯшиш кардем, ки иқтидори шуморо дар озодона изҳор намудани фикратон рушд диҳем то далелҳоро бо роҳҳои нав ҷамъ намуда дуруст таҳлил намоед.

Мо шуморо бо олотҳое ҷиҳозонидем, ки ҳақиқатро аз фарзия, ва иддаои нодуруст фарқ кунед.

Ва ҳангоми иҷрои ҳамаи ин кор мо аз шумо талаб намудем то дар бораи ки буданатон ва на ин ки дар бораи чи кор карданатон фикр намоед.

Инҳо сифатҳое ва арзишҳое ҳастанд, ки дар оянда шумо ба онҳо дар баробари дараҷаи бакалавриате ки имрӯз ба даст овардед, арҷ мегузоред. Инҳо сифатҳое мебошанд, ки шумо ба онҳо дар ҷаҳони беш аз пеш тағйирёбанда ки эҳтимолан суръаташ суст нахоҳад шуд, эҳтиёҷ доред. Ва ин низ сифатҳое мебошанд, ки барои иқтисодиёти устувор, ҷомеаҳои муваффақ ва муҳитҳои тобовар дар ҳалли мушкилот дар ҷаҳони мутағаир ва номуайян, афзоиши популизм ва низоъҳо ба кор меоянд.

Дар ин замина барои донишгоҳҳо чизе муҳимтар аз эҳтиром ба ҳақиқат, эътиқод ба нерӯи ақл, боварӣ ба арзиш ва тасмимгирии огоҳона ва далелнок, нест. Ин кори беҳтаринест, ки донишгоҳҳо ба роҳ мемонанд. Ин аст он чизе ки Донишгоҳи Осиёи Марказӣ амалӣ менамояд. Ба ҳамин хотир хатмкунандагони азиз мо аз шумо даъват менамоем ки ҳақиқатро аз хаёлот, ростиро аз дуруғ фарқ намоед то содиқона барои пешниҳоди далелҳои раднашаванда саҳм гузоред.

Агар шумо ин корро карда тавонед, шумо дар ҷомеа дигаргунӣ хоҳед овард ва ҷаҳонро тағйир хоҳед дод.

Хатмкунандагони муҳтарам, шумо дар омӯзиши малакаҳои нав азм намудед ва дар ҳаққи ҳамдигар ва донишгоҳ ғамхор монда ҳамчун ҷавононе ба воя расидед, ки мо бо онҳо фахр менамоем. Вақте ки шумо дар ҳаёт ва фаъолиятатон ба пеш меравед, бо ҳама муносибати дилсӯзона дошта бошед ва аз таҳсилот дар донишгоҳ, махсусан дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ва омӯзиши якумра ҷонибдорӣ намоед. Пеш аз ҳама ҳақиқати исботшударо сармашқи қарорҳои худ донед.

Бори дигар Шумоёнро табрик мекунам ва сипосгузорам.